# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1.Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳалаи муосири рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими низоми ҳуқуқӣ, масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун унсури калидии механизми ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аҳамияти хосса касб мекунад.Мубрамияти таҳқиқи умуминазариявии ин падида, пеш аз ҳама, дар зарурати муайян кардани моҳияти консептуалии он дар низоми умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Дар шароите, ки ҷомеа бо таҳдидҳои нави трансмиллӣ ва таҳаввули шаклҳои ҷинояткорӣ рӯ ба рӯ аст, ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун василаи ҷазодиҳӣ ва маҷбуркунии давлатӣ, балки ҳамчун кафолати олии барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи арзишҳои бунёдии конститутсионӣ баромад менамояд.

Дар марҳалаи гузариш ба низоми мукаммали ҳуқуқбунёд, омӯзиши табиати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таъмини волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдоиши шаклҳои нави таҳдидҳо (ҷиноятҳои киберӣ, трансмиллӣ ва иқтисодӣ) мубрамии мавзуи таҳқиқотро ифода намуда, тақозо менамояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун чораи ҷазодиҳӣ, балки ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ аз нигоҳи умуминазариявӣ аз нав таҳқиқ карда шавад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Н.М. ҳамзамон бо зарурати такмили сиёсати ҷиноятии давлат ва инсондӯстона кардани қонунгузории ҷорӣ вобастагии зич дорад. Омӯзиши муназзами ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сатҳи умуминазариявӣ замина фароҳам меорад, ки принсипҳои адолат, қонуният ва гунаҳкорӣ дар амалияи

ҳуқуқтатбиққунӣ ба таври воқеӣ пиёда шаванд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида, чораҳои татбиқи самаранокии онҳо муайян гарданд. Ин раванд барои гузариш аз низоми репрессивии ҷазодиҳӣ ба низоми пешгирикунанда ва тарбиявӣ мусоидат намуда, самаранокии мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои хавфнокро дучанд мегардонад.

Муҳаққиқ мушкилиҳои илмӣ ва амалии институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷанбаҳои умуминазариявӣ, мафҳум, принсипҳо, таснифот ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳқиқ ва сиёсати ҳуқуқии давлатиро дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ таҳлил намуда, хулосаҳои илман асоснок баровардааст, ки дорои аҳаммияти баланди назарию амалӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, мавзуи диссертатсияи Шодизода Н.М. воқеан дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи ихтисоси таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст.Ҳамзамон, соли 2016-2019 ихтисоси ҳуқуқшиносии шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва солҳои 2020-2022 ихтисоси ҳуқуқшиносии шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо солҳои 2018-2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими он, солҳои 2018-2022 нозири раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт кору фаъолият намуда, аз соли 2022 инҷониб ҳамчун сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва аз соли 2023 инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии донишкадаи номбурда кору фаъолият менамояд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2023, №18-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назария ва

таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Шодизода Н.М. дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 11 марти соли 2023, №10 дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» тасдиқ гардидааст.

Сохтори диссертатсияи Шодизода Н.М. аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Рисолаи илмӣ бо такя ба афкори назар ва осори илмӣ-пажӯҳишии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ асос ёфта, нуктаҳои асосии пажӯҳиш бо истифода аз равишҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанию хориҷӣ коркард шудаанд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шуда, нуктаҳои илмӣ ба ҳимоя пешкаш гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба **«Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** бахшида шуда, дар он масъалаҳои мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуктаҳои назари илмӣ-методологӣ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, нуктаҳои назари мубоҳисавии намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ масъалаҳои зикршударо таҳлил намуда, мафҳумҳои муаллифонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ҳимоя

пешкаш кардааст. Ҳамзамон, ҷанбаҳои баҳсноки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳқиқ карда, намудҳои умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқиро нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд. Дар ин қисмат муаллиф ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил намуда, мафҳуму мазмуни онро муайян ва хусусиятҳои фарққунандаи онро ошкор намудааст. Муҳаққиқ дар ин бахш принсипҳои умумиҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро таҳлил намуда, нақши онҳоро дар татбиқи функсия ва ҳадафҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаи **«Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ»** бахшида шуда, дар он масъалаҳои  такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар ин бахш муаллифи таҳқиқот сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро таҳлилу баррасӣ карда, нақши давлату ҳукуматро дар мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ нишон додааст. Ҳамзамон, дар доираи боби мазкур баъзе аз мушкилиҳои илмию амалӣ, аз ҷумла холигиҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро нишон дода, чораҳои мукаммалгардонии онҳоро пешкаш намудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда,

истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ, назариявӣ ва таҳлилҳои илмӣ мустаҳкам шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азиззода У.А.
«15» 01 2026 с.
**Суроға:** 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 907-811-285 E-mail:

Имзои У.А. Азиззодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«15» 01 2026 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тел.: 2217711, факс: 2271510 Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj